# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-099-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсияи Наҷотзода Ҷамшед Нарзулло дар мавзуи «Арзишҳои адабии тарҷумаи форсии «Рисолаи Қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ)**

Диссертатсияи Наҷотзода Ҷамшед Нарзулло ба таҳқиқи «Арзишҳои адабии тарҷумаи форсии «Рисолаи Қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ» оид мебошад.

Дар диссертатсия Наҷотзода Ҷамшед Нарзулло бори нахуст рӯзгор ва осори Абулқосими Қушайрияро ба риштаи таҳқиқ кашида ва дар ин замина ҷойгоҳи тасаввуф ва мактабҳои ирфонӣ дар замони адиб, сохтору мундариҷаи тарҷумаи «Рисолаи қушайрия», тарҷумаҳо ва шарҳи форсӣ-тоҷикии «Рисолаи қушайрия», баррасии тасҳеҳ ва нашрҳои тарҷумаи форсӣ-тоҷикии асар, забон ва сабки баёни тарҷумаи «Рисолаи қушайрия», шеваҳои корбурд ва шарҳи истилоҳоти ирфонӣ, усулҳои корбурд ва сохтору муҳтавои ҳикоёт, таъсири «Рисолаи қушайрия» ба осори ирфонии форсӣ-тоҷикӣ муайяну мушаххас гардидаанд.

Маводди таҳқиқшуда ва хулосаҳои илмию пажуҳишии диссертантро дар таҳқиқи мавзуъҳои марбут ба адабиёти классикии форсии тоҷикӣ, таълиму тадриси фанҳои «назарияи адабиёт», «таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ» (давраи тасаввуф), «шарҳнигорӣ», «сабкшиносӣ», «таҳлили матни асари бадеӣ», таълими курсҳои махсуси адабиёти ирфонӣ, таҳияи дастурҳои таълимӣ, таълифи китобҳои дарсӣ ва илмӣ, диссетататсияҳо, рисолаҳои магистрӣ ва хатми донишҷӯён метавон мавриди истифода қарор дод.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона таълиф ёфта, дорои мазмун ва сохтори ягонаи дохилӣ мебошад. Хулоса ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ) мувофиқ мебошад.

Натиҷаи асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои диссертант дар 5 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Мақолаҳои илмии нашршудаи муаллиф ва теъдоди маводди чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Наҷотзода Ҷамшед Нарзулло истифодаи маводди бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқот ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дар он дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Муҳокимаю баррасӣ ва хулосабарориҳои довталаб дар сатҳи баланди илмӣ қарор доранд. Хулосаҳо ва натиҷагириҳои диссертант илмӣ буда, ба талабот оид ба расмиятдарории диссертатсия ва автореферати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, арзишҳои амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Наҷотзода Ҷамшед Нарзулло дар мавзуи «Арзишҳои адабии тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ» таҳқиқоти анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ) ба ҳимоя пешниҳод менамояд.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Наҷотзода Ҷамшед Нарзулло дар мавзуи «Арзишҳои адабии тарҷумаи форсии «Рисолаи Қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ) баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Наҷотзода Ҷамшед Нарзулло дар мавзуи «Арзишҳои адабии тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-099-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Нурзод Нуралӣ Нор** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, директори Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои ҷомеашиносии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»;

– **Собирзода Ҳамза Юсуф** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар: **Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода** тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Эмомалӣ С.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Хоҷазод С.

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Казакова У.С.

«20» 06 соли 2026